**Суратмаҷлиси №3**

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-021
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 24 феврали соли 2022 ш. Душанбе

Иштирок доранд:
аз 15 нафар аъзои
Шӯро 14 нафар

**Рӯзнома:**

Дар бораи қабул намудани диссертатсияи Давлатов Абдулмаҷид Нурович дар мавзӯи "Вижагиҳои наҳвии "Қобуснома"-и Унсурулмаолии Кайковус" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ (роҳбари илмӣ, доктори илми филология, профессор Хоҷаев Давлатбек) ба ташхиси аввалия ва таъйин намудани комиссияи ташхис.

**Шунида шуд:**

Ахбори раиси Шӯрои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Хоҷаев Д. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Давлатов Абдулмаҷид Нурович ба Шӯрои диссертатсионӣ.

**Баромад кард:**

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ Ҷӯраева М. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Давлатов Абдулмаҷид Нурович – автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур барои ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Давлатов Абдулмаҷид Нурович дар мавзӯи "Вижагиҳои наҳвии "Қобуснома"-и Унсурулмаолии Кайковус" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ (роҳбари илмӣ, доктори илми филология, профессор Хоҷаев Давлатбек) ба ташхиси аввалия қабул карда шавад.
2. Комиссияи ташхис дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

- Саломиён Муҳаммаддовуд – доктори илми филология, профессор, аъзои Шӯро, раиси комиссияи ташхис;

- Мирзоева Моҳира – доктори илми филология, профессор, аъзои Шӯро, аъзои комиссияи ташхис.

- Назарзода Сайфиддин – доктори илми филология, аъзои Шӯро, аъзои комиссияи ташхис.

Қарор карда шуд: тарафдор 14 нафар, зид, бетараф нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Хоҷаев Д.

Котиби Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Ҷӯраева М.